Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 27 феврали соли 2010, № 89
тасдиқ карда шудааст.

# БАРНОМАИ
# РУШДИ ИЛМҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, РИЁЗИЮ ТЕХНИКӢ БАРОИ СОЛҲОИ 2010-2020

## Муқаддима

Номи барнома: ***Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020***

**Асос барои таҳияи барнома:**

Нақшаи тадбирҳо бо мақсади иҷрои дастуру пешниҳодоте, ки аз мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намояндаҳои зиёиёни мамлакат дар таърихи 20 марти соли 2009 ва Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 15 апрели соли 2009) бармеоянд, таҳия шудааст.

**Фармоишгари давлатии барнома:**

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Иҷрокунандагон:**

Муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбие, ки дар онҳо оид ба илмҳои табиатшиносӣ ва риёзию техникӣ таҳқиқот анҷом дода мешавад.

**Таҳиягарони барнома:**

Гурӯҳи корие, ки бо фармони Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳти № 1214 аз 26.06.2009) ташкил шудааст.

**Мӯҳлати татбиқи барнома:**

Солҳои 2010-2020

**Мақсад ва вазифаҳои асосии барнома:**

Дастгирӣ ва рушди таҳқиқот дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ ва риёзию техникӣ, таҳкими заминаи моддию техникӣ барои гузаронидани таҳқиқоти озмоишӣ, муҳайё кардани шароити мусоид барои тарбияи кадрҳои илмӣ, фароҳам овардани шароит барои зиёд намудани дониши нерӯи ақлонии инсонӣ ва вусъат бахшидан ба ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ.

**Самтҳои асосии Барнома:**

Мутамарказонидани иқтидорҳои илмӣ дар татбиқи «Барномаи самтҳои афзалиятдори илмҳои табиатшиносӣ ва риёзию техникӣ»,

дастгирии мактабҳои илмии мавҷудаи эътирофи ҷаҳонӣ пайдо карда оид ба самтҳои афзалиятдори таҳқиқот дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ ва риёзию техникӣ, ташкили шароити мусоид барои ташаккули мактабҳои илмӣ аз рӯйи самтҳои навтарини таҳқиқот дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ ва риёзию техникӣ, рушди заминаи моддию техникӣ барои гузаронидани таҳқиқоти озмоишӣ, мустаҳкамкунии базаи моддию техникии пажӯҳишгоҳ ва озмоишгоҳҳо бо таҷҳизоти навтарини илмӣ, асбоб, технологияи навин, реактивҳо ва дигар маводи зарурӣ, ҳамгирои пажӯҳишгоҳҳои академӣ ва кафедраҳо, озмоишгоҳҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ташкили инфраструктура дар заминаи истифодаи технологияи навтарини иттилоотӣ ва коммуникатсия, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ.

**Натиҷаҳои ниҳоии барнома:**

Дар заминаи муттамарказонидани нерӯҳои илмӣ ва воситаҳои моддию техникӣ дар самтҳои афзалиятдори таҳқиқот, кооператсияи олимони Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар ташкилотҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, бо мақсади анҷом додани таҳқиқоти муштарак ва тарбияи кадрҳои илмӣ, таъмини муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ бо асбобу таҷҳизоти зарурӣ ва ташаккули инфраструктураи муосири иттилоотӣ ва баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳои байналмилалӣ, такмил ва вусъат додани низоми дастгирӣ ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Манбаъҳои маблағгузорӣ:**

Маблағгузории барномаи мазкур аз ҳисоби маблағҳои ҳамасола барои сохаи илм ҷудогардида, инчунин аз хисоби ташкилоту фондҳои байналмилаливу хориҷӣ, сарпарастони алоҳида ва дигар манбаъҳо амалӣ карда мешавад.

**Низоми назорати иҷрои барнома:**

Назорати иҷрои барномаро Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва озмоишгоҳҳои назди мактабҳои олӣ анҷом медиҳад. Ҷараёни татбиқи тадбирҳои барнома, арзёбии аҳамияти илмӣ ва самаранокии он аз тарафи Раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, аз ҷониби фармоишгари барнома қабул карда мешавад. Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол, то якуми феврали баъди соли ҳисоботӣ, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси тадбирҳои иҷрои минбаъдаи барнома ва самаранокии истифодаи маблағҳои молиявӣ гузориш ирсол менамояд.

## Боби 1. Асоснокӣ ва зарурати қабули барнома

Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон илмҳоеро дар бар мегирад, ки дар заминаи илмҳои табиатшиносӣ, риёзиёт ва истифодаи усулҳои табии-риёзӣ, илмҳое, ки мавзӯи таҳқиқи онҳо дарк ва маърифати табиат ва қонуниятҳои ҳодисаҳои табиӣ (илмҳои биология, физика, геологияву кимиё ва ғайра) бунёд шудаанд.

Баъди амалӣ гаштани «Барномаи рушди илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2008» таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ чи дар муассисаҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чи дар сохторҳои таҳсилоти олии касбӣ рушду такомул пайдо кард. Таҷрибаи фоидаовари ҳамоҳангсозии таҳқиқот дар ин соҳа андӯхта шуд, самтҳои афзалиятдоштаи рушди илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ муайян гардида, нерӯи илмӣ ба ин самтҳо муттамарказ гардонида шуданд. Дар баробари ин, мушкилоту камбудӣ ва норасоиҳо дар пешравӣ ва сифати амалисозии бандҳои алоҳидаи чорабиниҳои Барнома муайян карда шуданд.

Хусусияти муҳими амалисозии чорабиниҳои Барнома ҳамгиро гардидани он бо Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015 буд, ки имкониятҳои рушди бемайлону комплексии илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ ва таъсири рӯзафзуни зиёди онҳоро ба пешрафти илму техникаи Тоҷикистон васеъ менамояд.

Дар баробари ин қисми бештари муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ, озмоишгоҳ ва кафедраҳо ҳоло ҳам фаъолияти худро ба шароити нав мутобиқ карда натавонистаанд, барои барпо кардани шаклҳои нави робитаи илм бо истеҳсолот, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҷустуҷӯи манбаъҳои ғайрибуҷетии маблағгузорӣ ба илм (махсусан илмҳои дақиқ) ташаббус нишон надодаанд.

Аз ин рӯ, пешрафти минбаъда ва пурзӯр намудани таъсири иқтидори илмӣ ба рушди иҷтимоии мамлакат минбаъд ҳам зарурати тағйир додани вазъи баамаломадаро дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ ва риёзию техникӣ ва қабули Барномаи рушди минбаъдаи илмҳои мазкурро талаб менамояд.

Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ ва риёзию техникӣ дар давраи солҳои 2010-2020 дар асоси нақшаи тадбирҳо оид ба иҷрои дастуру пешниҳодоте, ки аз мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намояндаҳои зиёиёни мамлакат (дар таърихи 20 марти соли 2009) ва Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 15 апрели соли 2009) бармеояд, таҳия гардидааст.

Барномаро гурӯҳи кории аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳти фармони №1214) тасдиқгардида барои мувофиқат намудан бо Вазоратҳои дахлдор таҳия намудааст.

Мақсади ниҳоии Барнома суръат бахшидан ба низоми самараноки дастгирӣ ва рушди илмҳои табиатшиносӣ ва риёзию техникӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақвият додани таъсири илм ба рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар, наздик кардани илм бо эҳтиёҷоти мавҷуда, баланд бардоштани самараи таҳқиқоти илмӣ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ, Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015, қабул намудани тадбирҳо доир ба муттамарказгардонии нерӯҳои илмӣ ва технологӣ ба самтҳои афзалиятдоштаи рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар мебошад.

## Боби 2. Мақсад ва вазифаҳои Барнома

Мақсади Барнома суръат бахшидан ба низоми самараноки дастгирӣ ва рушди илмҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои ноил шудан ба мақсадҳои Барнома ҳаллу фасли вазифаҳои зерин пешбинӣ карда мешавад:

- иҷрои сарвақтӣ ва босифати таҳқиқот оид ба коркарди технологияҳое, ки дар стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015 пешбинӣ карда шудаанд;
- муайян намудани самтҳои афзалиятноки илм ва технология, мутамарказонидани нерӯҳои илмӣ ва воситаҳои моддӣ-техникӣ дар ин самтҳо;
- ворид намудани тағйиротуислоҳот дар сохтори муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва мувофиқкунонии онҳо бо талаботи давр;
- ташкили шароити мусоид барои гузаронидани таҳқиқот аз рӯйи самтҳои навтарини илм;
- рушди пояҳои моддию техникии илмҳои табиатшиносӣ ва риёзию техникӣ;
-инкишофи инфраструктураи иттилоотӣ дар заминаи истифодаи технологияи пешқадами иттилоотиву коммуникатсионӣ;
-ривоҷи пояҳои моддию техникӣ барои нашри асарҳои илмӣ, маҷалла, китобҳои дарсӣ, адабиёти иттилоотиву маълумотӣ оид ба фанҳои табиатшиносӣ ва риёзию техникӣ;
-тайёр кардани технологҳо, муҳандисҳо ва мутахассисон оид ба ахбороти технологӣ;
- васеъ намудани ҳамкориҳои илмии байналмилаливу технологӣ ва баланд бардоштани самаранокии он;
- истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ, ки аз буҷети давлатӣ барои гузаронидани таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи илмҳои риёзию техникӣ ва табиатшиносӣ ҷудо гардидаанд;
- ҷалб намудани манбаъҳои ғайрибуҷетии маблағгузорӣ, пеш аз ҳама аз ҳисоби лоиҳаҳои ташкилотҳои байналмилалӣ барои рушди илмҳои табиатшиносӣ ва риёзию техникӣ.

## Боби 3. Самтҳои асосии татбиқи Барнома

Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд рушди минбаъдаи илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва муассисаҳои зертобеи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ташкилотҳои илмию

таҳқиқотӣ-таъмин намояд. Дар мувофиқа бо ин, самтҳои асосии барнома ба ҳаллу фасли вазифаи муҳими сиёсати давлатии илмию техникӣ: ташкили низоми самараноки дастгирӣ ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ дар заминаи марказонидани иқтидорҳои илмӣ дар соҳаи таҳқиқотҳои афзалиятдор, ҳамкорӣ бо олимони Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар ташкилотҳои илмию таҳқиқотӣ ва мактабҳои таҳсилоти умумӣ, мактабҳои миёнаи махсус, мактабҳои олию муассисаҳои зертобеи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои анҷом додани таҳқиқоти муштарак ва тарбияи кадрҳои илмӣ, таъмини ташкилотҳои илмию таҳқиқотӣ бо асбоб, таҷҳизот ва реактивҳои зарурӣ, ташкили сохтори муосири итилоотӣ, баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳои байналмилалӣ равона гардидааст.

Таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои илмию таҳқиқотие анҷом дода мешавад, ки мақом ва сохтори гуногуни ҳуқуқӣ доранд.

**Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.** Дар кишвар ҳоло ҳамгироии илм ва таҳсилоти олӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Сатҳи ҳамкориҳои нерӯҳои муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба мақсади тайёр кардани кадрҳои илмии тахассуси олӣ ва махсусан мутахассисони соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ ба талаботи замон ҷавобгӯ намебошад ва ин ҳолат ба рушди илм, сифати таҳсилот ва ниҳоят ба ташаккули нерӯи ақлонии мамлакат таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, бе ҳамгироии самаранокии илм ва маориф рушди нерӯи илмию техникӣ ва кадрии мамлакат имкон надорад. Ҷиҳати муваффақ гардидан ба мақсадҳои Барнома иҷрои вазифаҳои зерин зарур аст:

-таъмини дастгирии таҳқиқоти илмии муштарак, ки аз тарафи олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ иҷро карда мешавад;

-қабули чораҳо доир ба рушди заминаи таҷрибавӣ ва иттилоотӣ барои таҳқиқоти илмӣ ва такмили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ;

-ҷалби бештари ҷавонон ба соҳаи илмҳои табиию риёзӣ, таҳсилоти олӣ ва фаъолияти инноватсионӣ;

-дастгирии давлатии тайёр кардани кадрҳои илмӣ, ки он ба такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии илм, механизмҳои маблағгузорӣ, ташкил кардани таҳқиқот нигаронида шудаанд;

-давра ба давра зиёд намудани андозаи стипендияи аспирантҳо;

- такмили низоми пардохти меҳнати докторон ва номзадҳои илм ҳамчун роҳбарони илмӣ;

-ҷорӣ намудани низоми шартномавии пардохти музди меҳнат дар соҳаи илм;

-таҷдиди назар намудан ба нақшаҳои барномаҳои таълимии марбут ба илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ;

**Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи давлатии олии худидорашавандаи илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки гузаронидан, инкишоф додан ва ҳамоҳанг сохтани таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ дар кишвар, таҳлили масъалаҳои муҳими рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро таъмин ва дар ташаккулу амалисозии сиёсати давлатии илмӣ-техникӣ иштирок мекунад. Ба ҳайати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 институти илмӣ-таҳқиқотӣ, бахши дар Помир будаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, марказҳои илмии Хуҷанд ва Хатлон, Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионӣ ва Кумитаи истилоҳот дохил мешаванд.

Институтҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, муассисаҳои дигари илмӣ-таҳқиқотӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат ва мактабҳои илмиро, ки ба мавзӯъҳои мушаххаси таҳқиқот дар аксари соҳаҳои илм муайян карда шудаанд, дарбар мегирад. Таҷрибаи ҳамгироии бахшҳои академӣ, соҳавӣ ва таҳсилоти илм дар гузаронидани таҳқиқоти муштараки бунёдӣ, ба вуҷуд овардан ва татбиқ намудани технология ва маводи нав, доруҳои табобатӣ ва усулҳои самарабахши табобати беморон, офаридани навъҳои нави зироатҳои кишоварзӣ ва зотҳои нави ҳайвонот андӯхта шудааст. Вале таҷрибаи мавҷудаи ҳамгироии бахшҳои академӣ, соҳавӣ ва таҳсилоти илм доир ба гузаронидани таҳқиқоти илмӣ ва таҳияи технологияҳои рақобатпазир ҳоло дар сатҳи зарурӣ ҷавобгӯйи талаботи муосири рушди ҷомеа намебошад ва қудрати таъмини гузариш ба роҳи рушди инноватсионии илм ва технологияро надорад.

Дар раванди илмию таҳсилотӣ таваҷҷӯҳи махсус ба ҷиҳатҳои инноватсионии рушди илм ва ба вуҷуд овардани технологияҳо ба мақсади тайёр кардани муҳандисон, технологҳо, конструкторҳо, ки метавонанд дар сатҳи баланди касбӣ ба фаъолияти инноватсионию соҳибкорӣ машғул шаванд, дода мешавад.

Академияи таҳсилоти Тоҷикистон гузаронидан ва ҳамоҳанг сохтани таҳқиқоти илмӣ доир ба педагогика ва соҳаи таҳсилотӣ, истифодаи таҷрибаи ватанӣ ва ҷаҳонӣ дар соҳаи илмҳои педагогӣ ва амалия, таҳияи асосҳои илмии шаклҳои фаъоли таълим дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва таҳсилоти олии касбиро таъмин менамояд. Дар назди Академияи таҳсилот Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогӣ ва Донишгоҳи такмили ихтисоси бозомӯзии кормандони соҳаи маориф амал мекунад.

Мураттаб ва мувофиқсозии шабакаи муассиса ва ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотӣ имкон медиҳад, ки захираҳо ба самтҳои афзалиятдоштаи рушди илм, технология ва техника бо мақсади баланд бардоштани самаранокии илм муттамарказ гардонида шаванд.

Дар барнома тадбирҳои мушаххас бо дарназардошти имкониятҳои воқеӣ ва пешбинишавандаи кишвар, ҳисобу китоби дахлдори хароҷоти иловагии молиявӣ анҷом дода мешавад.

Ҳангоми иҷрои низоми тадбирҳои Барномаи рушди минбаъдаи илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

мутаносибан ба ин, барои тахия ва дар истехсолот истифода намудани технологияҳои нав заминаи зарурӣ фароҳам оварда мешавад.

Бо назардошти мақсад ва вазифаҳои нишондодашуда барнома 7 самти зеринро пешбинӣ менамояд:

***1) Муттамарказонидани иқтидорҳои илмӣ дар самтҳои афзалиятдори таҳқиқот.*** Дар системаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ мактабҳои илмии эътирофи ҷаҳонӣ пайдокарда дар чунин самтҳои илм, аз қабили риёзиёт, астрофизика, физикаи ҳолатҳои конденсӣ, асосҳои химиявиву технологии истифодаи захираҳои ашёи хом, геология, сейсмология, омӯзиши оламу ҳайвоноту набототи ва захираҳои биологӣ, физиология ва биохимияи растаниҳо, хирургия, гастроэнтерология, психиатрия ва наркология, генетика ва селексияи пахта ва зироатҳои дигари кишоварзӣ, усулҳои мубориза бар зидди зараррасонандаҳои кишоварзӣ, хокшиносӣ ва агрохимия таъсис дода шуда буданд.

Вале дар айни замон бо сабаби ҷой доштани масъалаҳои ҷиддие, ки ба имкониятҳои маҳдуди маблағгузорӣ ва фарсудагии заминаи моддиву техникии илм алоқаманд мебошанд ва ҳамчунин бо дарназардошти суръати фавқулодда баланди рушди илми ҷаҳонӣ рақобати афзоишёбандаи мактабҳои илмӣ ва талаботи воқеии рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакати мо масъалаи беҳад муҳим муайян кардан ва ҷудо намудани самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ дар ояндаи наздик, мутамарказ гардонидани нерӯҳои илмӣ ба ин самтҳо, дастгирии мактабҳои ташаккулёфта ва самаранок фаъолияткунандаи илмӣ ва дар як вақт ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои анҷом додани таҳқиқот доир ба бахшҳои навтарин ва тезрушдкунандаи илм мебошад.

Муайян кардани самтҳои афзалиятдоштаи нав ва тез рушд кардаистодаи таҳқиқот имконият медиҳад, ки захираҳои асосӣ ба ин самтҳо равона карда шуда, заминаи моддиву техникии илм ба мақсадҳои муайян таҳким ёбад ва кадрҳои илмӣ тарбия карда шаванд. Ин, дар навбати худ, дар сатҳи муосир анҷом додани корҳои илмӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии корҳои илмиро таъмин намуда, дар ниҳояти кор дар амал бештар татбиқ ёфтани натиҷаҳои таҳқиқотро суръат мебахшад. Дар асоси самтҳои ояндадору афзалиятдошта ва нави таҳқиқот барномаҳои комплексӣ ва мақсаднок ташаккул меёбанд, ки дар онҳо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, иҷрокунандагон, марҳила ва мӯҳлатҳои иҷрои кор, ҳаҷм ва манбаъҳои маблағгузорӣ, натиҷаҳои чашмдошт, тавсияҳои амалӣ, самаранокии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ муайян карда мешаванд.

Самтҳои афзалиятнок муайян ва нав карда мешаванд, аммо дар муддати ҳамаи марҳила (ё дар муддати 3-5 сол) иваз карда намешаванд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои афзалиятдории таҳқиқоти илмиро барои давраи то соли 2015 қабул кардааст ва дар ин асос бодарназардошти ҳолати реалии рушди илмҳои муосир равандҳои зерини таҳқиқоти илмӣ афзалиятдор шуморида мешаванд:

а) Риёзӣ

б) Физика. Физикаи ядроӣ, физикаи ҳароратӣ ва методҳои ченкунии хосиятҳои гармофизикии моддаҳо. Физикаи ҳолатҳои конденсӣ. Оптика ва электроникаи квантӣ. Масъалаҳои физикӣ-техникии энергетикаи алтернативӣ. Физикаи нанамаводҳо ва омӯзиши хосиятҳои физикию химиявии онҳо. Амнияти ядроӣ ва радиатсионӣ.

в) Химия. Коркарди такрории комплексии ашёи хоми маъданӣ ва партовҳои саноатӣ. Химияи пайвастагиҳои координатсионӣ. Химияи пайвастагиҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъол. Геохимияи қабати таҳшинии Замин. Металлҳо ва хӯлаҳои хосиятҳои махсусдошта. Мавод барои микроэлектроника. Полимерҳо ва композитҳо. Синтези дорувориҳо ва иловаҳои ғизоӣ.

г) Биология. Омӯзиш, ҳифз ва истифодаи оқилонаи навъҳои гуногуни биологӣ, генофонд, захираҳои биологӣ ва гуногуншаклии биологии марзҳои махсусан ҳифзшавандаи Тоҷикистон. Омӯзиши таъсири тағйироти иқлим, омилҳои антропогенӣ ва техногенӣ ба намудҳои гуногуни биологӣ, системаҳои табиии экологӣ ва зироатҳои кишоварзӣ. Интродуксия ва акклиматазатсияи (мутобиқшавии) растаниҳо. Такмил додани низоми дастаҷамъии муҳофизати зироатҳои кишоварзӣ аз зараррасонандаҳо.

ғ) Фотосинтез ва ҳосилнокии растаниҳо. Генетика ва биохимияи фотосинтез. Истифодаи озмунҳои физиологӣ дар селексияи зироатҳои кишоварзӣ.

д) Адаптатсияи (мутобиқшавии) биохимиявӣ ва омилҳои танзимкунандаи устувории организмҳои зинда ба таъсири офатҳо. Таъсири радиатсияи ултрабунафш ба фаъолияти растаниҳои баландкӯҳ. Физиологияи ҳайвонот.

е) Асосҳои генетикӣ-физиологии коркарди агротехнологияҳои пурсамар. Истифодаи усулҳои биотехнологияи муосир дар селексияи навъҳои нави зироатҳои кишоварзӣ, парвариши растаниҳо ва истеҳсоли маводи тухмии солим.

ё) Зилзилашиносӣ. Мониторинги (назорати) сейсмологӣ ва баҳодиҳӣ ба хатари сейсмикӣ. Коркарди усулҳои унификатсионии(ягонаи) ҷамъоварӣ, коркард, интиқол ва нигоҳ доштани иттилооти сейсмикӣ ва иттилооти дигари геофизикӣ. Назарияи зилзилабардории бино ва иншоот. Усулҳои таҷрибавии зилзилабардорӣ.

ж) Экология. Технологияҳои сарфаи энергия. Манбаъҳои ғайрианъанавии барқароршавандаи аз нигоҳи экологӣ тозаи энергия, усулҳои табдили онҳо ва захираи энергия (аккумулятсия).

з) Геология. Канданиҳои фоиданок. Маъданҳосилшавӣ ва металлогения. Петрология ва геохимия. Палеонтология ва стратиграфия. Тектоника.

и) Астрофизика. Ҷисмҳои хурди системаи Офтоб, объектҳои наздизаминӣ, ситораҳо ва системаҳои ситорагӣ. Астрономияи берунигалактикӣ.

*2) Мутамарказонидании нерӯҳои илмӣ ва технологӣ ба самтҳои афзалиятдоштаи рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар.* Ба мақсади афзун гардонидани таъсири илм ба рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат, наздик кардани(пайвастани) илм ба эҳтиёҷоти амалӣ, тавсиаи доираи таҳқиқоти амалӣ ва баланд бардоштани самаранокии онҳо, ба вуҷуд овардани шароит барои коркард ва истифодаи амалии технологияҳои инноватсионӣ зарур аст.

Нерӯи илмӣ бояд дар чунин самтҳои афзалиятдоштаи сиёсати рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат истифода шавад:

а) *Сиёсати иҷтимоӣ- иқтисодӣ:*

- такмили сохтори идоракунии иқтисодиёти миллӣ ва омилҳои иқтисодиву ҳуқуқӣ, ки ба принсипҳои иқтисодиёти бозаргонӣ мувофиқ бошанд;
- ташаккули сиёсати фаъоли сохториву саноатӣ, ки ба инкишоф додани истеҳсолоти воридотию рақобатпазир ва корхонаҳои аз ҷиҳати тақсимоти байналхалқии меҳнат ояндадор равона шудааст;
- рушди иқтисодию иҷтимоии комплекси агросаноатӣ;
- таҳкими низоми молиявию бонкӣ;
- такмили сиёсати инноватсионӣ, ки ҷалби маблағҳои асосии хориҷиро ба иқтисодиёт пешбинӣ менамояд;
- такмили низоми давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва сиёсати давлатии демографӣ;
- таҳияи барномаҳои мақсадноке, ки самаранокии иқтисодии мавзӯъҳои илмӣ-таҳқиқотиро муайян намоянд.

б) *Гидроэнергетика, истифодаи комплексӣ ва оқилонаи захираҳои об, манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва технологияҳои сарфаи энергия:*

- рушди минбаъдаи гидроэнергетика;
- асоснок намудани сиёсати сарфаи энергия дар ҳама соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ;
- истифодаи комплексӣ ва оқилонаи захираҳои об;
- истифодаи манбаъҳои ғайрианъанавии аз нигоҳи экологӣ тозаи барқароршавандаи энергия (офтоб, нерӯйи (энергияи) шамол, энергияи дарёҳои хурд, манбаъҳои геотермалӣ ва биомасса).

*в) Комплекси саноатӣ ва ашёи хоми маъданӣ, офаридани маводи нав ва технологияҳои муосир:*

- офаридани маводҳои нав, коркард ва дар саноат истифода бурдани технологияҳои муосир;
- таҳияи технологияҳои аз нав кор кардани (коркарди такрории) алюминий ва истеҳсоли масҳулоти тайёр;
- таҳияи технологияҳои аз нав кор кардани пахта ва навъҳои дигари ашёи хоми кишоварзӣ;
- офаридан ва истифода кардани технологияҳои сарфаи захираҳои кампартов ва аз нигоҳи экологӣ тозаи коркарди комплексии захираҳои ашёи хоми маъданӣ;

- таҳия ва аз худ кардани технологияҳои коркарди такрории захираҳои пасмонда;

- коркарди технологияҳои масолеҳи сохтмонӣ;

- тавсиаи заминаи ашёи хоми маъданӣ;

- коркарди технологияи ҳосил кардани нанамаводҳо.

*г) Устуворӣ ва амнияти экологӣ:*

- мониторинги (назорати) муҳити зист, таҳияи чорабиниҳо оид ба ҳифзи табиат;

-коркарди технологияҳои тоза кардани обҳои равон, безараргардонии партовҳо ва бетаъсиргардонии партовҳои корхонаҳои саноатӣ;

- таҳлили таъсири антропогенӣ ва техногенӣ ба тағйироти иқлим, мониторинги (назорати вазъи) ҳолати атмосфера ва гидросфера;

- таҳлили тағйироти иқлим, таъсироти антропогенӣ ва техногенӣ ба навъҳои гуногуни биологӣ, низоми табииву экологӣ ва кишти зироатҳои кишоварзӣ;

- назорати (мониторинги) навъҳои гуногуни биологӣ ва амнияти биологӣ;

- мониторинги радиатсионӣ ва амнияти радиатсионии аҳолӣ ва муҳити зист;

- мониторинги ҳолати сейсмологӣ дар марзи мамлакат, коркарди усулҳои пешгӯӣ кардани заминларзаҳо, таъмини амнияти сейсмологӣ, истифодаи технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсионӣ барои ба даст даровардани иттилооти бефосила ва зуди сейсмологӣ.

*ғ) Технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ:*

-рушд ва таъмини дастрасии инфрасохтори муосири иттилоотиву коммуникатсионӣ ба доираи васеъи аҳолӣ, дастгирии рушди инфрасохтори иттилоотиву коммуникатсионӣ дар мамлакат;

-таъмини самаранокии истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар идоракунии давлатӣ ва соҳаи иҷтимоиву иқтисодӣ, соҳаҳои илм, тандурустӣ, маориф.

*д) Маориф:*

- тарбия ва такмили ихтисоси кадрҳои илмиву омӯзгории тахассуси олӣ;

- таҳия намудани стандартҳои давлатии таҳсилот, нақша ва барномаҳои таълим барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ;

- омода ва нашр кардани китобҳои дарсии силсилаи нав барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ.

-тайёр кардани кадрҳои баландихтисос технологҳо, нанотехнологҳо, муҳандисон, конструкторон, барномасозон ва мутахассисон оид ба ахбороти технологӣ;

Дар назар аст, ки доир ба ҳар яке аз самтҳои дар боло нишондодашудаи афзалиятдори рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар барномаҳои мақсадноки комплексӣ, технологияҳо, тавсияҳои амалӣ ва чорабиниҳои дигаре, ки ба истифодаи босамари натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ нигаронида шудаанд, таҳия карда мешаванд.

Номгӯи муҳимтарин технологияҳои коркардшаванда ва дар истеҳсолот татбиқшаванда ҳамчун замима дар бахши мазкури Барнома оварда шудааст.

*3) Таҳкими заминаи моддию техникӣ ва таъмини ташкилотҳои илмию таҳқиқотӣ бо таҷҳизоти илмӣ, асбоб, реактив ва дигар маводи зарурӣ.*

Самаранокии таҳқиқоти илмӣ бештар ба ҳолат ва рушди заминаи моддию техникӣ, таъмини кормандони илмӣ бо асбоб ва таҷҳизоти навтарин, навсозӣ ва такмили асбобҳои илмӣ, таъмини реактивҳою таркибҳои химиявӣ ва ғайра вобаста аст. Дар кишварҳои тараққикарда ба ин мақсадҳо маблағҳои зиёд ҷудо карда мешавад.

Бо сабабҳои ба ҳама маълум дар Тоҷикистон, дар даҳсолаи охир имконияти зарурии расонидани ёрӣ барои рушди заминаи моддию техникии илм ва навсозии асбобу таҷҳизоти ташкилотҳои илмию таҳқиқотӣ мавҷуд набуд. Бо дарназардошти ин вазъият дар Барнома ба тадбирҳое диққати асосӣ дода мешавад, ки ба таҳким ва азнавсозии (модернизатсияи) заминаҳои моддию техникии ташкилоти илмию техникӣ ва таъмини кормандони илм бо асбоб, таҷҳизот, реактивҳо ва дигар маводи зарурӣ равона карда шудаанд.

Ба сифати тадбирҳои аввалдараҷа таъмир, навсозӣ, таҷдиди (модернизатсияи) чунин объектҳои илмӣ, аз ҷумла дар шаҳрҳои марказӣ расадхонаҳои ситорашиносӣ, пойгоҳҳои зилзилашиносӣ, боғҳои ботанотот ва дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва муассисаҳои зертобеи Вазорати маорифи Ҷумҳурӣ озмоишгоҳҳои муҷаҳҳаз пешбинӣ мегардад.

Ба таври назаррас нав кардани асбобу таҷҳизоти илмӣ ба нақша гирифта мешавад, маблағҳо асосан барои харидории асбобҳои бароришии силсилавӣ истифода мешаванд (рӯйхати таҷҳизоти аввалдараҷаи илмӣ ва асбоб замима мегардад).

Ҷудосозии ҳарсолаи маблағҳои иловагӣ барои харидории реактивҳои кимиёӣ, препарат, пайвастагиҳои фаъоли биологӣ ва маводи гуногуннавъ, лавозимоти техникӣ, ки барои анҷом додани таҳқиқот заруранд, пешбинӣ карда мешавад.

*4) Ҳамкории пажӯҳишгоҳҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ.* Яке аз вазифаҳои асосӣ ва муҳими Барнома таъмини инкишофи ҳамкориҳои институтҳои академӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баҳисоб меравад. Пешбинӣ мешавад, ки дар асоси Барномаи ҳамгирои илм ва маориф, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, чорабиниҳо таҳия

карда мешаванд, ки онҳо ба муттаҳид кардани нерӯи илмии пажӯҳишгоҳҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ имкон фароҳам оварда низоми тайёр кардани мутахассисони ҷавонро мақсаднок ва самараноктар мегардонанд.

Дар ин ҷо ҷалби кормандони пешбари илмии академӣ ва кор дар асоси ҳамкориҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои анҷом додани таҳқиқоти муштарак, хондани лексияҳо ва роҳбарӣ ба аспирантон, навиштани китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ дар мадди назар аст. Донишҷӯён барои ҷалб шудан ба кори илмӣ ва гузаронидани таҳқиқот дар пажӯҳишгоҳҳои академӣ имкониятҳои бештар ба даст меоранд. Зарур аст, ки шаклҳои хеле гуногуни ҳамгироии бахшҳои академӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар илм истифода шаванд. Аз ин нуқтаи назар, ташаббуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доир ба кушодани Институти илмӣ-таҳқиқотии илмҳои табиатшиносӣ дар назди ин мактаби олӣ қобили таваҷҷӯҳ аст, ки дар он дар баробари кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ҳамчунин олимони Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – мутахассисони соҳаи илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ кор мекунанд ва аспиранту донишҷӯёни факултаҳои табиатшиносӣ имкон доранд, ки корҳои илмиро таҳти роҳбарии олимони ҳам Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва ҳам Академияи илмҳо анҷом диҳанд.

Бо мақсади ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои иҷрои таҳқиқоти илмӣ ва дастгирии вазъи моддии мутахассисони ҷавон – хатмкардагони мактабҳои олӣ онҳо дар асоси шартнома ба кор қабул карда мешаванд, аз ҷумла барои иштирок дар иҷрои лоиҳаҳои илмӣ, барномаҳои комплексиву мақсаднок ва шартномаҳо бо хоҷагиҳо бо муқаррар кардани музди меҳнати мувофиқ пешбинӣ мегарданд.

Андешидани чораҳо ҷиҳати бавуҷуд овардани шароити мусоид барои таҳсили аспирантҳо, беҳтар намудани низоми тайёр кардани кадрҳои илмии тахассуси олӣ – доктор ва номзадҳои илм зарур аст. Пешниҳод дар бораи дар соли 2010 ташаккул додани шабакаи нави шӯроҳои диссертатсионӣ дар кишвар, ҳамчунин такмили тартиби аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-омӯзгории тахассуси олӣ ва беҳтар намудани фаъолияти Комиссияи аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-омӯзгории тахассуси олӣ омода карда мешаванд.

Гузаронидани корҳои муштараки илмӣ-таҳқиқотии кормандони институтҳои академӣ, институтҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи шартномаҳои ҳамкорӣ, лоиҳаҳои муштарак аз рӯи грантҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ва аз рӯйи фармоишҳои вазоратҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳо дар асоси бастани шартномаҳо бо хоҷагиҳо пешниҳод мешавад.

Таъмини дастгирии таҳқиқоти илмии муштарак, ки аз тарафи олимони муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ иҷро карда мешаванд.

Қабули чораҳо доир ба рушди заминаи таҷрибавӣ ва иттилоотӣ барои таҳқиқоти илмӣ ва такмили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ.

Ба вуҷуд овардани заминаи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти сохторҳои ҳамгиросозанда (интегратсионӣ).

Тайёр кардани мутахассисон оид ба технологҳои навин, муҳандисон, конструкторон, барномасозон ва мутахассис оид ба ахбороти технологӣ дар давлатҳои хориҷии дур ва наздик.

Таваҷҷӯҳи махсус ба ҳамкории олимон дар иҷрои барномаҳои комплексӣ ва мақсаднок доир ба масъалаҳои муҳими илмӣ ва илмӣ-техникӣ ва чорабиниҳои Барномаи рушди илмҳои табитшиносӣ ва риёзию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020, Консепсияи сиёсати давлатии демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2015, Барномаи миллии амалиёти мубориза ва нақшаи амалиёт доир ба ҳифз ва истифодаи оқилонаи гуногуншаклии биологӣ, Нақшаи миллии амалиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба сабук гардонидани оқибатҳои тағйирёбии иқлим ва монанди инҳо дода мешаванд. Ташаббус доир ба баргузор намудани конференсияҳои муштараки илмӣ, симпозиум ва семинарҳо, нашри асарҳои илмӣ ва маҷмӯаи мақолаҳо дастгирӣ карда мешаванд.

Дар асоси Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ чорабиниҳои зарурии тайёр кардани кадрҳои илмии тахассуси олӣ дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, институтҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ ва мактабҳои олии касбӣ ба мақсади бо мутахассисон, хусусан дар соҳаҳои нав ва тезрушдкунандаи илм ва технологияҳо пурра таъмин намудани муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таҳия карда мешаванд.

Бо мақсади дастгирии иҷтимоии кормандони соҳаи илм мебояд, ки як қатор санадҳои қонунгузорӣ ва меъёриву ҳуқуқӣ омода ва қабул карда шаванд, аз ҷумла: дар бораи такмил додани низоми (системаи) пардохти музди меҳнат дар соҳаи илм; дар бораи давра ба давра ҷорӣ намудани системаи шартномавии пардохти музди меҳнат; дар бораи шароит ва тартиби пардохти музди меҳнати олимони Академияи илмҳо ва ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ, ки дар асоси ҳамкорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ кор мекунанд ва ғайра. Дастгирии давлатии кормандони соҳаи илм, хусусан аспирантҳо ва олимони ҷавон ҷиҳати беҳтар кардани шароити зиндагонии онҳо зарур аст:

- гузориши (трансформатсияи) мазмуни таҳсилот аз донишмарказонидан ба «салоҳиятдорӣ ва масъулиятшиносӣ», ки ба натиҷаи ниҳоӣ нигаронида шудааст, таъмин карда шавад;

- заминаҳои моддию техникӣ, муҳити фаннию маконӣ ва таъминоти таълимию методии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба шароити муосири иҷтимоию иқтисодӣ, ба талаботи раванди таълимию тарбиявӣ мувофиқ карда шавад;

- маданияти забондонӣ, иттилоотӣ, экологӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии муҳассилин таҳким бахшида шавад;

- такмил бахшидани сохтор ва мазмуни барномаҳои таҳсилоти касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилоти касбӣ;

-таъмини пай дар пайи зинаҳои таҳсилоти касбӣ аз рӯйи мазмун ва давомнокии таҳсилот

***5) Ташкили заминаи иттилоотии таҳқиқот дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ.*** Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати сатҳи фаъолияти инноватсионӣ, нуфузи маҳсулоти баландтехнология дар сохтори истеҳсолот ва содирот, рушди инфрасохторӣ аз давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта хеле қафо мондааст.

Рақобатпазирӣ аз рӯи суръати истифодаи навоварии илмиву техникӣ ва ҳавасмандии истеҳсолот ба дастовардҳои илмӣ, самаранокии равандҳои инноватсионӣ муайян карда мешавад. Вобаста ба ин истифодаи захираҳои зеҳнӣ ва ташаккули заминаи илмиву технологӣ яке аз вазифаҳои муҳими умумимиллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки қабули тадбирҳои махсус доир ба рушди инноватсионӣ – ба вуҷуд овардани шароити зарурии ташкилӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқиро талаб мекунад. Бо андозаи фароҳам омадани шароити зарурӣ инфрасохтори инноватсионӣ низ дар шакли марказҳои инноватсионӣ-технологӣ, бизнес-инкубаторҳо, марказҳои трансфери технологияҳо ва монанди инҳо оҳиста-оҳиста ташаккул меёбад.

Ба фаъолгардонӣ ва ҳавасмандии фаъолияти ихтироотӣ кӯшиш ба харҷ додан зарур аст, зеро патентҳо ба ихтироот яке аз омилҳои муайянкунандаи нерӯи инноватсионии мамлакат мебошад.

Таваҷҷӯҳи махсус бояд ба тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи нанотехнология ва менеҷменти инноватсионӣ равона карда шавад.

Ба қатори самтҳои афзалиятдоштаи фаъолияти инноватсионӣ дар кишвар мо ва ҳамкориҳои байнидавлатии инноватсионӣ, ки дар асоси онҳо лоиҳаҳои инноватсионӣ таҳия шуда метавонанд, инҳоро номбар кардан мумкин аст: маводи металлии конструксионӣ, технологияҳои энергияи таҷдидпазир, маводи полимерии композитсионӣ, технологияҳои сарфаи энергия, мувофиқсозии кори гидроузелҳо бо истифодаи усулҳои моделсозии математикӣ, технологияи истеҳсоли пектини камметил, технологияҳо дар соҳаи мониторинги муҳити зист ва пешгирӣ кардани офатҳои табиӣ ва техногенӣ, инженерияи генетекӣ ва биотехнологияи генӣ, истифодаи тестҳои физиологӣ дар селексияи навъҳои нави зироатҳои кишоварзӣ, технологияҳои истеҳсоли доруҳои нави табобатӣ дар асоси истифодаи ашёи хоми растаниҳои маҳаллӣ, ташхис, пешгирӣ ва табобати касалиҳои инсон.

Яке аз сабабҳои муҳимтарине, ки рушди илмҳои табиатшиносиро дар кишвари мо ба таъхир меандозад, ақибмонӣ дар ташкили инфраструктураи иттилоотӣ мебошад, ки ба истифодаи технологияи навтарини иттилоотию коммуникатсионӣ асос ёфтааст. Мактабҳои таҳсилоти умумӣ, мактабҳои ибтидоӣ миёна ва олии касбӣ ва муассисаҳои зертобеи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон,

Пажӯҳишгоҳҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо техника ва технологияи компютерӣ суст муҷҷаҳазанд. Ташкили инфраструктураи иттилоотӣ, ки ҷавобгӯи талаботҳои муосир бошад, дар марҳилаи ибтидоии худ қарор дорад. Дар 5 соли охир бояд шабакаи итилоотии ИНТЕРНЕТ бунёд карда шавад.

Дар баробари рушди робитаи компютерӣ ва технология зарур аст, ки ба дастгирию таҳкими заминаи анъанавии иттилоотии илм – китобхонаҳои илмӣ диққати зарурӣ дода шавад. Солҳои охир, чунонки маълум аст, ба китобхонаҳои илмӣ ворид шудани адабиёти махсуси илмӣ аз мамлакатҳои дигар якбора коҳиш ёфт. Мубодилаи байналмилалии байни китобхонаҳо дар сатҳи паст қарор дорад, барои такмили китобхонаҳо бо нашрияҳои нави илмӣ маблағи ночиз ҷудо мегардад.

Бегумон, яке аз ҳалқаҳои нисбатан сусти инфраструктураи илмҳои табиатшиносӣ нашри осори илмӣ мебошад. Аз сабаби кофӣ набудани маблағгузорӣ монографияҳо, маҷмӯаҳо, маҷаллаҳои илмӣ, асарҳои илмӣ хеле кам ба нашр мерасанд, конференсияҳои илмӣ оид ба масоили муҳими илмҳои табиатшиносӣ кам баргузор мешаванд. Аз ин сабаб натиҷаҳои таҳқиқот кӯҳна мегарданд, тарҳрезиҳои олимони Тоҷикистон ба фазои байналмилалии илмию иттилоотӣ ворид намешаванд, афзалиятҳо дигаргун мегарданд.

Мавҷуд набудани иттилооти зарурӣ ва ҳатто таърихӣ ба сатҳ, сифат ва самаранокии таҳқиқоти гузаронидашуда таъсири манфӣ мерасонад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ ба тарзи равшан нишон медиҳад, ки бе заминаҳои зарурии иттилоотӣ пешрафти илм, сохтани технологияи нави қобили рақобат ва истифодаи босамари он дар амал имконнопазир аст.

Бо дарназардошти чунин омилҳо ин дар Барнома ба ташкили заминаи иттилоотии таҳқиқот дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ таваҷҷӯҳи асосӣ зоҳир карда мешавад.

Дар солҳои наздик бо мақсади пайваст намудан ва вуруд шудан ба шабакаи байналмилалии иттилоотии ҳамаи муассисаҳои илмию таҳқиқоте, ки дар онҳо оид ба илмҳои табиатшиносӣ таҳқиқот анҷом дода мешавад, тадбирҳо пешбинӣ карда мешаванд. Барои иҷрои ин мақсад зарур аст, ки мактабҳои таҳсилоти умумӣ, мактабҳои ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва муассисаҳои зертобеи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қадри кофӣ бо компютер ва техникаи дигари иттилоотӣ таъмин карда шаванд. Дар натиҷа барои гирифтани иттилооти илмӣ аз ҳар кадом кишвар, маркази илмӣ, китобхона роҳ кушода мегардад.

Ташкили китобхонаҳои махсусгардонидашудаи электронӣ ва хазинаҳои иттилоотии маълумот оид ба самтҳои алоҳидаи илмҳои табиатшиносӣ дар назар дошта мешавад.

Татбиқи технологияи иттилоотию коммуникатсионии марҳилаи нав дар амалияи илмӣ тарбияи мутахассисони баландихтисосро дар мактабҳои олии касбии мамлакат ва ба роҳ мондани низоми тарбия ва бозомӯзии кормандони илм ва мутахассисон дар соҳаи истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсиониро талаб мекунад.

Барнома оид ба дастгирии китобхонаҳои илмӣ ва мукаммал кардани фондҳои адабиёти илмӣ, пайваст намудан ба заминаи маълумоти нашрияҳои пешқадами илмӣ ва маҷаллаҳо, дастгирии нашри асарҳои илмӣ, адабиёти иттилоотӣ, воситаҳои таълимӣ оид ба илмҳои табиатшиносӣ тадбирҳо пешбинӣ мекунад.

***6) Дастгирӣ ва рушди ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ.***

Ояндаи илми Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба он вобаста аст, ки он то чи андоза тез ва самаранок ба фазои ҷаҳонии илм ворид шуда метавонад. Бо назардошти ин чораҳое андешида мешаванд, ки ба дастгирӣ ва рушди шаклҳои гуногуни ҳамкорӣ ва шарикии олимони Тоҷикистон бо олимони давлатҳои дигар равона гардидаанд. Дар Стратегия ба таври назаррас тавсиа бахшидан ва баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳо бо ташкилот ва муассисаҳои илмии давлатҳои ИДМ, давлатҳои дигар, ташкилотҳои байналмилалӣ, фондҳо, ассосиатсияҳо ва монанди инҳо ҳам дар асоси шартномаву созишномаҳои ба имзо расондаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо ва ҳам Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, муассисаҳои алоҳидаи илмӣ-таҳқиқотӣ ва мактабҳои олӣ пешбинӣ гардидааст.

Ҳамчунин, ҷалби олимон ба иҷрои лоиҳаҳои илмӣ ва илмӣ-техникӣ дар чаҳорчӯбаи созишномаву шартномаҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама бо давлатҳои ИДМ, барномаву лоиҳаҳо аз рӯи грантҳо, ки аз тарафи марказҳо, фондҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Маркази байналхалқии илмӣ-техникӣ, Ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзии СММ (ФАО), Фонди ҷаҳонии экологӣ, Ташкилоти умумиҷаҳонии СММ доир ба масъалаҳои тандурустӣ, Ташкилоти СММ доир ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО), Ташкилоти давлатҳои исломӣ доир ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ИСЕСКО), Агентии байналмилалии энергияи атомӣ (МАГАТЭ), Маркази байналмилалӣ доир ба таҳқиқоти кишоварзӣ дар минтақаҳои хушкида (ИКАРДА), Маркази байналмилалӣ доир ба беҳтар кардани ҷуворимакка ва гандум (СИММИТ), Институти байналмилалии захираҳои генетикӣ (ИПГРИ) низ пешбинӣ гардидаанд. Тавсиаи ҳамкориҳои бисёрҷанбаи байналхалқии илмӣ аз рӯи самтҳои Ассосиатсияи байналмилалии академияи илмҳо (МААН), Ассосиатсияи Академияи илмҳои Осиёи Марказӣ (ААНС{А), Академияи илмҳо барои ҷаҳони рушдкунанда (ТВАС), Кумитаи доимии ҳамкории илмӣ ва технологии Ташкилоти конференсияи исломӣ (КОМСТЕК) дурнамои хуб дорад.

Таваҷҷӯҳи махсус ба тавсиаи имкониятҳои сафари олимон ба марказҳои пешсафи илмӣ-таҳқиқотии ҷаҳон барои кори илмӣ ва барои иштирок дар конференсияҳои байналмилалӣ ва чорабиниҳои дигари илмӣ равона карда мешавад.

Дастгирӣ ҷиҳати дар кишвари мо баргузор намудани конференсияҳои байналмилалии илмӣ, симпозиумҳо, семинарҳо ва монанди инҳо доир ба масъалҳои муҳими илм пешбинӣ мешавад.

Дар натиҷаи амалисозии ин чорабиниҳо имконияти иштироки олимони Тоҷикистон дар баргузории таҳқиқоти муштарак бо олимони хориҷа аз рӯи лоиҳаву барномаҳои байналмилалӣ, истифодаи базаи муосири таҷрибавӣ ва асбобии марказҳои илмии хориҷӣ, таҳсил ва такмили ихтисоси олимони ҷавон ба таври назаррас тавсиа меёбад. Намояндагии васеи олимони Тоҷикистон дар конференсияҳо ва чорабиниҳои дигари илмӣ ва давлатҳои хориҷӣ ва баргузории онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воридшавии илми мамлакати мо ба фазои байналмилалии илм, таҳкими афзалиятҳои дастовардҳои олимони тоҷик ва ба даст овардани иттилооти зарурӣ доир ба комёбиҳо ва равишҳои рушди илм дар ҷаҳон мусоидат менамояд.

7) **Рушди заминаи иттилоотиву коммуникатсионии илм.** Бо мақсади ташаккули заминаи иттилоотиву коммуникатсионии илм таҳияи Барномаи махсуси рушди заминаи иттилоотиву коммуникатсионии илм ва иҷрои як қатор чорабиниҳое, ки ба иҷрои таҳқиқоти илмӣ дар сатҳи муосир мусоидат мекунанд, пешбинӣ мешавад.

То соли 2010 ташаккул додани шабакаи иттилоотӣ бо пайвастан ба шабакаи байналхалқии иттилоот-ИНТЕРНЕТ ва ворид шудани ҳамаи муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии мамлакат ба он низ пешбинӣ мегардад. Барои амалӣ кардани ин мақсад бо миқдори кофии компютерҳо ва техникаи дигари иттилоотӣ таъмин намудани институтҳо, лабораторияҳо ва кафедраҳо зарур аст. Дар натиҷа ба гирифтани иттилооти илмӣ аз давлатҳои дигар, марказҳои илмӣ, китобхонаҳо ва монанди инҳо имконият фароҳам меояд. Ҳамчунин таъсиси китобхонаҳои махсусгардонидашудаи электронӣ, маҷаллаҳои электронӣ ва хазинаҳои (базаҳои) иттилоотии маълумот доир ба самтҳои алоҳидаи илм дар назар аст.

Бо мусоидати Ассосиатсияи тоҷикистонии истифода кунандагони шабакаҳои компютерӣ, институтҳои академӣ, таҳқиқотӣ, ва институтҳои таҳсилотии академӣ ва мактабҳои олии касбӣ ба истифодаи низоми алоқаи оптикӣ-нахии муосир гузаронида мешаванд.

Барои истифодабарӣ аз ҷадидтарин технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси соҳаи муҳандисӣ, технологҳо, конструкторон дар мактабҳои олии касбӣ ва ба тартиб даровардани системаи тайёр кардан ва такмили ихтисоси кормандони илмӣ ва мутахассисон дар соҳаи истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар назар дошта шудааст.

Стратегия дастгирии китобхонаҳои илмӣ ва пурра кардани фондҳои адабиёти илмӣ, ба базаи маълумот пайвастани нашриётҳои пешсафи илмӣ ва маҷаллаҳо, дастгирии нашри асарҳои илмӣ, адабиёти иттилоотиву маълумотӣ, дастурҳои илмиву методиро пешбинӣ мекунад.

Дар замони муосир ҳамкории байналмилалии илмӣ бо суръати ниҳоят баланд тараққӣ намуда, дар дараҷаи бештар пешрафти илм ва самаранокии истифодаи дастовардҳои илмиро дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҷомеаи инсонӣ муайян мекунад. Ояндаи илми Тоҷикистон

бештар ба ин вобаста хоҳад буд, ки чӣ гуна зуд ва босамар вай метавонад ба фазои илми ҷаҳонӣ ворид шавад, ҳамгирой пайдо намояд. Бо назардошти ин, дар Барнома тадбирҳое дохил карда шудаанд, ки ба дастгирӣ ва рушди шаклҳои гуногуни ҳамкорӣ ва кооператсияи олимони Тоҷикистон бо олимони мамлакатҳои дигар равона шудаанд.

Барнома ҷалби олимонро ба иҷрои лоиҳаҳои илмӣ ва илмию техникӣ дар доираи шартномаю созишномаҳои байналмилалӣ, барномаю лоиҳаҳо оид ба грантҳо, ки аз тарафи фондҳою ташкилотҳои байналмилалӣ ва хориҷӣ пешниҳод карда мешаванд, пешбинӣ мекунад. Таваҷҷӯҳи асосӣ ба васеъшавии имконияти ба сафари хидматӣ фиристодани олимон ба марказҳои пешқадами илмию таҳқиқотӣ барои кори илмӣ ва иштирок дар конференсияҳои байналмилалӣ ва дигар чорабиниҳои илмӣ равона мегардад. Расонидани кӯмак барои дар кишвари мо гузаронидани конференсияҳои байналмилалии илмӣ, симпозиум, семинар ва ғайра оид ба масоили муҳимтарини илмҳои табиатшиносӣ пешбинӣ карда мешавад.

**Боби 4. Ҳаҷм ва манбаъҳои маблағгузории Барнома**

Манбаи асосии таъмини захиравии Барнома ин маблағҳое, ки ҳамасола барои сохаи илм ҷудо карда мешавад. Хулоса оид ба мувофиқи мақсад будани маблағгузории ҳар кадом кори илмию таҳқиқотӣ, ҳаҷм ва мӯҳлати иҷрои он ба Шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмию таҳқиқотӣ (КИТ) дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ пешниҳод карда мешавад. Шӯрои ҳамоҳангсозии КИТ хулосаи мувофиқи мақсад будани корҳои илмию таҳқиқотиро ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол медиҳад.

Барои маблағгузории Барнома манбаъҳои ғайрибуҷетие низ истифода мешавад, ки ба онҳо, маблағҳои сармоягузорӣ, маблағҳое, ки фонд ва ташкилотҳои байналмилалӣ ва хориҷӣ барои иҷрои лоиҳаҳои илмӣ ва илмию техникӣ ҷудо кардаанд, дохил мешаванд.

Ҳаҷми маблағгузории тадбирҳои Барнома аз имконияти буҷети давлатӣ, воридшавии воқеии маблағҳои ғайрибуҷетӣ ва талаботи табиӣ ба хараҷоти молиявӣ вобаста аст.

**Боби 5. Идоракунии татбиқи Барнома ва назорати иҷрои он**

Фармоишгари давлатии Барнома Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Иҷрокунандагони асосии Барнома муассисаҳо ва ташкилотҳои илмию таҳқиқотӣ, мактабҳои таҳсилоти умумӣ, мактабҳои ибтидоӣ, миёнаи касбӣ, мактабҳои олии касбӣ ва муассисаҳои зертобеи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ки дар онҳо оид ба илмҳои табиатшиносӣ таҳқиқот анҷом дода мешавад.

Назорати иҷрои Барномаро Шӯрои ҳамоҳангсозии КИТ анҷом медиҳад. Ҷараёни иҷрои тадбирҳои Барнома, арзёбии аҳамияти илмӣ ва самарабахшии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот аз тарафи Раёсати

Шӯрои ҳамоҳангсозии КИТ баррасӣ гардида, аз ҷониби фармоишгар бо тартиби муққараршуда қабул карда мешавад.

Идоракунии ҷории Барнома, аз ҷумла, ҷамъоварӣ, таҳлил ва ҷамъбасти мавод оид ба иҷрои тадбирҳо, арзёбии натиҷаҳои бадастомада, таҳлили мушкилоти бамиёномада, таҳияи тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ва тарҳрезиҳои амалӣ, таҳияи ҳисоботи фосилавӣ ва ҷамъбастӣ аз тарафи бахшҳои Шӯрои ҳамоҳангсозии КИТ ва Раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

**Боби 6. Низоми тартиби ҷудо кардани маблағ барои гузаронидани чорабиниҳо**

Бо назардошти маблағҳои молиявии аз буҷети давлатӣ ҷудогардида ва аз манбаъҳои дигар воридшуда Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми зарурат, дар мувофиқа бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нишондиҳандаҳои мақсаднок, аз ҷумла дохил ва хориҷ кардани тадбирҳои ҷудогона, хароҷот оид ба онҳо, ҳайати иҷрокунандагон, механизми иҷрои тадбирҳо, тасҳеҳ ворид менамоянд.

Ҳар сол, то якуми феврал, Вазорати маориф ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси иҷрои барнома ҳисоботи комил пешниҳод менамояд.